# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-050 дар назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба диссертатсияи **Файзова Наргис Рамазоновна** дар мавзӯи "Мукаммалгардонии технологияи истеҳсол ва коркарди абрешим", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз руйи ихтисоси 6D073302 – Технология ва коркарди аввали маводи нассоҷӣ ва ашёи хом.

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати Иброгимов Х.И. д.и.т., профессор; Ҷалилов Фирӯз Раҷабалиевич – н.и.т., дотсент; Ҳакимова Замира Ғайратовна – н.и.т., ки бо қарори раиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-050 дар назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, ташкил шудааст, диссертатсияи докторанти (PhD)-и кафедраи "Технологияи маснуоти нассоҷӣ" **Файзова Наргис Рамазоновна** дар мавзӯи "Мукаммалгардонии технологияи истеҳсол ва коркарди абрешим", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз руйи ихтисоси 6D073302 – Технология ва коркарди аввали маводи нассоҷӣ ва ашёи хом дида баромада, ба чунин хулоса омаданд:

**1. Мутобиқати мавзӯи диссертатсия ба ихтисос.**

Мавзӯи диссертатсия ба самти ихтисоси эълоншуда пурра мутобиқат намуда, масъалаҳои калидии соҳаи кирмакпарварӣ, истеҳсол, коркарди аввалия ва истифодаи абрешими табииро фаро мегирад. Мундариҷаи кор ба бандҳои дахлдори шиносномаи ихтисоси 6D073302 – «Технология ва коркарди аввали маводи нассоҷӣ ва ашёи хом» ҷавобгӯ буда, ҷанбаҳои муҳимми илмӣ ва амалии рушди соҳаи нассоҷӣ ва ашёи хоми табииро дар бар мегирад.

Дар доираи тадқиқот масъалаҳои такмили занҷири технологӣ аз марҳилаи парвариши кирмак то коркарди аввалияи пилла, муносибгардонии реҷаҳои технологӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи ашёи хом ва кам кардани талафоти технологӣ баррасӣ гардидаанд. Ин масъалаҳо мустақиман ба самтҳои афзалиятноки рушди соҳаи нассоҷӣ ва коркарди маводи табиӣ мувофиқат намуда, ба талаботи илми муосир ва истеҳсолот ҷавоб медиҳанд.

Мазмуни диссертатсия ва автореферат бо ҳам мутобиқ буда, моҳият, ҳадаф, вазифаҳо, натиҷаҳои асосии тадқиқот ва хулосаҳои пешниҳодшуда дар онҳо пурра инъикос ёфтаанд. Автореферат мазмуни диссертатсияро ба таври фишурда ва мантиқӣ инъикос намуда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

**2. Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Файзова Н.Р. аз рӯйи мазмун, ҳадаф, вазифаҳо ва натиҷаҳои бадастомада ба талаботи шиносномаи ихтисоси мазкур пурра мутобиқат мекунад. Таҳқиқоти гузаронидашуда, хулосаҳо ва пешниҳодҳои он ба банди зерини ихтисоси 6D073302 – Технология ва коркарди аввали маводи нассоҷӣ ва ашёи хом аз рӯйи бандҳои: Б.1.Тарзҳои амаликунонии равандҳои асосии технологии

ҳосилкунии наххо, ресмон, матоъхо, кешбофӣ, маҳсулоти нобофт, пардоздиҳии маҳсулоти нассоҷӣ, бастабандии онҳо; Б.6. Асосҳои коркарди кампартовӣ, технологияҳои нерӯнигоҳдории тозаи экологӣ; Б.14. Усулҳои таҳлили сабабҳои пайдошавии нуқсонҳо ва сақатҳои маҳсулоти истеҳсошуда ва коркард намудани тадбирҳо барои пешгирии онҳо; Б.19. Муносибсозӣ ва амсиласозии равандҳои технологии тайёркунӣ ва коркарди аввалияи ашё ва маҳсулоти нассоҷӣ.

**3. Мубрамият ва аҳамияти мавзӯъ.**

Мубрамияти мавзӯи диссертатсия бо аҳамияти стратегӣ ва иқтисодии соҳаи кирмакпарварӣ ва истеҳсоли абрешими табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст. Дар шароити муосири рушди иқтисоди миллӣ, ки ба диверсификатсияи истеҳсолот ва истифодаи самараноки захираҳои табиӣ нигаронида шудааст, баланд бардоштани самаранокии истеҳсол ва коркарди пилла яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад.

Таҳлили вазъи кунунии соҳа нишон медиҳад, ки бо вуҷуди мавҷудияти иқтидори назарраси табиӣ (заминаи васеи тутпарварӣ ва шароити иқлимии мусоид), нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ ва сифати маҳсулоти ниҳоӣ дар сатҳи зарурӣ қарор надоранд. Ин ҳолат ба як қатор омилҳо вобаста аст, аз ҷумла нокифоя будани сатҳи технологияи парвариши кирмак, истифодаи нокифояи реҷаҳои оптималии ҳарорату намнокӣ, сатҳи пасти механиконидан ва махсусан истифода нашудани имкониятҳои коркарди маҷмӯии маҳсулоти иловагӣ ва партовҳои истеҳсолӣ.

Дар баробари ин, дар таҷрибаи ҷаҳонӣ тамоюли гузариш ба технологияҳои бепартов ва каммасраф, истифодаи пурраи ашёи хом ва баланд бардоштани арзиши иловагии маҳсулот мушоҳида мегардад. Дар ин замина, таҳияи роҳҳои илмӣ асоснокшудаи мукаммалгардонии равандҳои технологӣ, аз ҷумла коркарди маҷмӯии пилла ва маҳсулоти иловагӣ, барои баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти соҳа аҳамияти хоса дорад.

Аз нуқтаи назари илмӣ, масъалаи таҳқиқи таъсири омилҳои технологӣ ба сифат ва ҳосилнокии пилла, инчунин таҳияи усулҳои самараноки истифодаи партовҳои кирмакпарварӣ, ки дорои арзиши муайяни биологӣ ва иқтисодӣ мебошанд, яке аз самтҳои муҳими тадқиқот ба ҳисоб меравад.

**4. Аз нуқтаи назари амалӣ, татбиқи натиҷаҳои тадқиқот имкон медиҳад ки:**

- самаранокии истифодаи захираҳои ашёи хом баланд бардошта шавад;
- сатҳи талафоти технологӣ коҳиш дода шавад;
- маҳсулоти иловагӣ ҳамчун манбаи даромади иловагӣ истифода бурда шавад;
- нишондиҳандаҳои иқтисодии истеҳсолот беҳтар гарданд.

Мавзӯи диссертатсия дорои аҳамияти муҳими илмӣ ва амалӣ буда, ба ҳалли масъалаҳои муҳимми рушди устувори соҳаи кирмакпарварӣ ва саноати нассоҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудааст.

5. **Навгонии илмии тадқиқот.**

Навгонии илмии диссертатсия дар асосноккунии назариявӣ ва таҳияи роҳҳои амалии мукаммалгардонии технологияи истеҳсол ва коркарди аввалияи пилла дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад.

Дар раванди тадқиқот натиҷаҳои нави илмии зерин ба даст оварда шуданд:

1. Бори аввал барои шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмӯи омилҳои асосии таъсиррасон ба самаранокии занҷири технологӣ «парвариши кирмак – истеҳсоли пилла – коркарди аввалия» ба таври системавӣ муайян ва асоснок карда шуданд, ки ба онҳо сифати базаи хӯрокӣ (барги тут), параметрҳои микроиқлим (ҳарорат ва намнокӣ), реҷаи ғизодиҳӣ, сатҳи ташкил ва идоракунии равандҳои истеҳсолӣ дохил мешаванд.

2. Қонуниятҳои таъсири реҷаҳои технологӣ ба нишондиҳандаҳои сифатии пилла ва абрешими хом муайян карда шуданд, аз ҷумла вобастагии байни ҳарорат, намнокӣ ва сатҳи нуқсондории пилла, инчунин таъсири параметрҳои коркард ба ҳалшавии серитсин ва хусусиятҳои физикӣ-механикии ришта.

3. Технологияи коркарди маҷмӯии маҳсулоти кирмакпарварӣ ва партовҳои истеҳсолӣ (баргҳои нимхӯрдаи тут, наҷосоти кирмак ва боқимондаҳои органикӣ) таҳия ва асоснок карда шуд, ки имконияти истифодаи онҳоро ҳамчун манбаи ашёи хоми дуюмдараҷа ва маҳсулоти иловагӣ фароҳам меорад.

4. Усули такмилёфтаи назорати экспресси намнокии пилла пешниҳод карда шуд, ки нисбат ба усулҳои анъанавӣ вақти муайянкуниро 2–3 маротиба кам намуда, дақиқӣ ва объективияти баҳодиҳии сифати ашёи хомро баланд мебардорад.

5. Модели муносибгардонии равандҳои технологӣ дар асоси ҳамгироии омилҳои технологӣ, биологӣ ва иқтисодӣ пешниҳод гардид, ки имкон медиҳад самаранокии умумии истеҳсол баланд бардошта шуда, талафоти захираҳо коҳиш дода шавад.

6. Самаранокии иқтисодии ҷорӣ намудани технологияҳои пешниҳодшудаи коркарди пилла ва истифодаи комплексии партовҳо ба таври илмӣ асоснок карда шуд, ки афзоиши даромаднокии истеҳсолро аз 12,8 % то 20,6 % таъмин менамояд.

Навгонии илмии тадқиқот дар таҳияи равиши маҷмӯи ба мукаммалгардонии технологияҳои кирмакпарварӣ ва коркарди пилла, мутобиқсозии онҳо ба шароити маҳаллӣ ва истифодаи пурраи иқтидори ашёи хом ифода меёбад.

**Аҳмияти амалии таҳқиқот**. Аҳамияти амалии кори диссертатсионии **Файзова Наргис Раҳимовна** дар таҳия ва асосноккунии маҷмӯи тавсияҳои технологӣ-ташкилӣ барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли пилла ва беҳтар намудани коркарди аввалияи абрешими табиӣ дар шароити вилояти Хатлон (ноҳияи Danғара) ифода меёбад. Дар ҷараёни тадқиқот, дар асоси мушоҳидаҳои саҳрой ва маълумоти воқеии истеҳсолӣ, нуқтаҳои заъфи раванд

(таъминоти барги тут, реҷаҳои ғизодиҳӣ, нокифоягии назорати микроиқлим: ҳарорат, намнокӣ, ҳавокашӣ (вентилятсия), инчунин, масъалаҳои санитарӣ ва низоми технологӣ) муайян гардида, роҳҳои амалии бартарафсозии онҳо пешниҳод шудаанд.

Инчунин, дар диссертатсия, асоснок карда шудааст, ки ҷорӣ намудани унсурҳои технологияи бепартов тавассути истифода/коркарди пасмондаҳои органикӣ (барги нимхӯрдашуда, партови биологӣ ва ғ.) метавонад манбаи даромади иловагӣ гардида, ҳамзамон таъсири манфии экологӣ ва партовнокии равандро коҳиш диҳад. Самаранокии амалии қарорҳои пешниҳодшуда бо ҳисобҳои техникию иқтисодӣ ва таҷрибаи татбиқи онҳо дар сатҳи ҷамоатҳо ва ноҳияи Данғара тасдиқ мегардад.

**6.Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо интихоби дурусти объекти омӯзиш ва методологияи тадқиқот, истифодаи маҷмӯи усулҳои таҳлилӣ ва муқоисавӣ, инчунин бо такя ба маълумоти воқеии истеҳсолӣ-саҳроӣ таъмин мегардад. Натиҷаҳо бар асоси мушоҳидаҳои бевосита дар хоҷагиҳои кирмакпарварии ҷамоатҳои интихобшудаи ноҳияи Данғара, ҷамъоварӣ ва сабти маълумоти ибтидоӣ (ҳаҷми тухм/қуттӣ, баромади пилла, нишондиҳандаҳои ташкилӣ, ҳолати микроиқлим ва санитарӣ) ва коркарди нақшавии онҳо ба даст оварда шудаанд.

Дурустии хулосаҳо бо таҳлили муқоисавии нишондиҳандаҳо дар чанд ҷамоат ва истифодаи меъёри ягонаи баҳодиҳӣ (аз ҷумла «кг/қуттӣ») тақвият ёфта, робитаи натиҷаҳо бо омилҳои технологӣ ва ташкилию иқтисодӣ ба таври мантиқӣ асоснок карда шудааст. Ҳисобҳои технологӣ ва техникию иқтисодӣ бо истифода аз маълумоти санҷишӣ ва нишондиҳандаҳои воқеӣ иҷро гардида, мувофиқати онҳо бо қоидаҳои раванди кирмакпарварӣ ва таҷрибаи амалии соҳа собит мешавад. Илова бар ин, эътимоднокии натиҷаҳо бо санадҳои тасдиққунанда (сертификатҳо, протоколҳо ва санади татбиқ) дар сатҳи ҷамоатҳо ва ноҳияи Данғара тасдиқ мегардад.

**7.Мувофиқатии диссертатсия ба меъёрҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти ҶТ муқаррааргардида, оид ба тартиботи супоридани дараҷаҳои илмӣ.**

Вобаста ба мавзӯи таҳқиқоти илмӣ ва натиҷаҳои асосии бадастомада аз ҷониби муаллиф 12 мақолаи илмӣ ба нашр расонида шудааст. Аз ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия эътироф гардидаанд, ба чоп расида, 6 мақолаи дигар дар маҷмӯаи маводи конференсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ нашр шудаанд.

Ҳамзамон, аз рӯйи натиҷаҳои тадқиқот 1 нахустпатент оид ба ихтироот ба қайд гирифта шуда, 2 санади ҷорӣ намудани натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот пешниҳод ва амалӣ гардидаанд, ки аҳамияти амалии корро тасдиқ менамоянд.

Таҳлили мундариҷаи нашрияҳо нишон медиҳад, ки онҳо натиҷаҳои асосии диссертатсияро пурра инъикос намуда, ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии тадқиқотро фаро мегиранд. Дар онҳо масъалаҳои асосноккунии илмии равандҳои технологӣ, таҳияи усулҳои мукаммалгардонии истеҳсол ва коркарди пилла, инчунин истифодаи комплексии маҳсулоти кирмакпарварӣ ва партовҳои он мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Нашрияҳои пешниҳодшуда мутобиқати пурраи мазмуни диссертатсияро бо натиҷаҳои интишорёфта таъмин намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳия ва ҳалли масъалаҳои илмӣ тасдиқ менамоянд.

Ҳамин тариқ, иҷрои талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ нисбат ба ҳаҷм, сифат ва сатҳи нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия таъмин гардида, натиҷаҳои тадқиқот ба таври кофӣ дар адабиёти илмӣ инъикос ёфтаанд.

Аслияти мундариҷаи диссертатсия 94,6%-ро ташкил медиҳад. Иқтибосоварӣ дуруст ва саҳеҳ тартиб дода шудааст.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи **Файзова Наргис Рамазоновна** дар мавзуи “Мукаммалгардонии технологияҳои истеҳсол ва коркарди абрешим”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз руйи ихтисоси 6D073302 – Технология ва коркарди аввали маводи нассоҷӣ ва ашёи хом баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ **қарор кард:**

1. Диссертатсияи Файзова Наргис Рамазоновнаро дар мавзуи “Мукаммалгардонии технологияҳои истеҳсол ва коркарди абрешим”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз руйи ихтисоси 6D073302 – Технология ва коркарди аввали маводи нассоҷӣ ва ашёи хом ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ ба ҳайси **муқарризони расмӣ** олимони мазкурро пешниҳод менамояд:

- доктори илмҳои химия, профессор, мудири озмоишгоҳи пайвастаҳои фаромолекулии Институти химия ба номи В.М.Никитини Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Муҳидинов Зайниддин Қамарович;

- номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи технология ва таҷҳизоти саноати нассоҷии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ Изатов Миралӣ Валиевич.

3. Ба сифати **Муассисаи тақриздиҳанда** – Маркази ҷумҳуриявии илмию таҳқиқотии пиллапарварии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаи таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои техникӣ, профессор **Иброгимов Х.И.**

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
номзади илмҳои техникӣ, дотсент **Ҷалилзода Ф.Р.**

номзади илмҳои таърих **Ҳакимова З.Ғ.**

"21" апреля соли 2026

Имзои раис ва аъзоёни комиссия экспертиро тасдиқ менамоям:

**Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва назорат** **Абдуназаров А.Ҷ.**

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН * ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ТАДЖИКИСТАНА * РАЁСАТИ КАДРҲО, КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ ДЕЛОПРОИЗВОДСТВА И КОНТРОЛЬ